Конференсияи байналмилалӣ (10-уми июни соли 2016)

Опубликовано 10 июня, 2016 - 18:42 пользователем Ҳайати тадорукот
[1]

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки дар асоси банди 48-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми марти соли 2016, №99 «Дар бораи Нақшаи баргузории машваратҳои илмӣ ва илмию техникӣ, конференсияҳо,

симпозиумҳо, анҷуманҳо ва семинарҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016», банди 27-уми боби IV ва VI-и Нақшаи чорабиниҳои Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2012-2016 аз 30-юми июни соли 2012, №335 дар бораи ҳимоя ва рушди забони давлатӣ берун аз марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нақшаи кории Кумита аз 7-уми январи соли 2016, №1 9-уми июни соли равон Конференсияи илмию амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Мақоми забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – забони тоҷикӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ»-ро бо иштироки олимону донишмандони кишварҳои хориҷии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Британияи Кабир, намояндагони сафоратхонаҳои Федератсияи Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, инчунин, намояндагони Ҳукумати кишвар, вазорату идораҳои давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии кишвар, ҷамъиятҳо, аъзои Шӯрои ҳамгунсозии истилоҳоти Кумита ва намояндагони ВАО баргузор намуд.

Қобили зикр аст, ки бо ибтикори Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ доир ба масъалаи мазкур бори дувум чунин конференсия дар сатҳи байналмилалӣ баргузор мегардад. Дар конференсия зиёда аз 120 нафар олимон, муҳаққиқон, таълимгарон ва рӯзноманигорон иштирок намуданд.

Конференсияро бо сухани ифтитоҳӣ раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ Гавҳар Шарофзода оғоз намуд.

Рейтинг контента: 1

Средняя оценка: 1 (1 голос)

Rate

Приложение:

Конференсияи байналмилалӣ (10-уми июни соли 2016).pdf [2]

Категория:

- Конференсияҳо [3]
- Фаъолият [4]

Источник::http://www.kumitaizabon.tj/ru/node/123

Ссылки
[1] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/conference_0.jpg [2] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/articleattachments/%D0%9A%D0%BE%D0%BD%D1%84%D0%B5%D1%80%D0%B5%D0%BD%D1%81%D0%B8%D1%8F%D0%B8%20%D0%B1%D0%B0%D0%B9%D0%BD%D0%B0%D0%BB%D0%BC%D0%B8%D0%BB%D0%B0%D0%BB%D3%A3%20%2810-%D1%83%D0%BC%D0%B8%20%D0%B8%D1%8E%D0%BD%D0%B8%20%D1%81%D0%BE%D0%BB%D0%B8%202016%29.pdf [3] http://www.kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/30 [4] http://www.kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/24